«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон д.и.ҳ., профессор
_____Насриддинзода Э.С.
«____» _____2026

ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Собирзода Сайёд Рамазон дар мавзуи «Таърихи ташаккули Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991–2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.–Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1.–Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик))

Мутобиқати мавзуъ ба муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсияи Собирзода Сайёд Рамазон дар мавзуи «Таърихи ташаккули Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи **ихтисоси 6.1.–Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1.–Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик))**, ки он дар шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

Дар рисола муҳаққиқ масоили хеле муҳимми таърихи муосири Тоҷикистон – марҳилаҳои таърихии ташаккули Қуваҳои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки омӯзиши он барои имрӯз зарурат дорад, мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Мавзуи рисолаи номзадӣ фарогири яке аз масъалаҳои муҳимтарини таърихи халқи тоҷик ва инъикоси дастовардҳои назарраси замони истиқлоли давлатӣ мебошад, ки дар омӯзиши таърихи ҳарбӣ мақоми вижаро касб менамояд.

Истиқлоли давлатӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дод, ки роҳи мустақили рушди худро интихоб кунад. Ин роҳ таъсиси институтҳои ҷамъиятии ба талаботи замон ҷавобгӯро тақозо мекунад. Ҳамчунин дар радифи тамоми дастоварду комёбиҳо истиқлоли давлати имкон дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ ба узвияти Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ пазируфта шуда, дар ҷаҳони муосир таҳкими мавқеи сиёсии кишвар тақвият ёбад.

Бояд қайд кард, ки мувофиқи суратмаҷлиси №2, аз санаи 23 – юми октябри соли 2026 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA – 082-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба

ҳимояи диссертатсияҳо ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.–Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1.–Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)), Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ҳамчун муассисаи пешбар барои диссертатсияи унвонҷӯ Собирзода Сайёд Рамазон таъин намуд. Диссертатсияи Собирзода Сайёд Рамазон дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ – таҳқиқотии панҷсолаи кафедраи таърихи халқи тоҷикии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ анҷом дода шуда, ба ихтисосе, ки аз рӯйи он кор ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, комилан мутобиқат намуда, кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ҳамчун муассисаи пешбар барои диссертатсияи унвонҷӯ Собирзода Сайёд Рамазон таъин намуд. Диссертатсияи Собирзода Сайёд Рамазон дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии панҷсолаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ анҷом дода шуда, ба ихтисосе, ки аз рӯйи он кор ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, комилан мутобиқат менамояд.

Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд. Диссертатсияи Собирзода Сайёд Рамазон дар мавзуи «Таърихи ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2021)» таҳқиқоти муҳим ва саривақтӣ мебошад. Дар тақризи пешниҳодшуда дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳодҳои дар дисертатсия қайдгардида мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Дар бахши гузоришҳои илмӣ муаллиф, Собирзода Сайёд Рамазон манбаъҳои муътамад, шумораи зиёди асарҳои илмӣ ва маълумоти матбуоти даврираро роҷеъ ба таърихи ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлол (1991–2021) таҳқиқоти нисбатан мукаммали илмиро ба анҷом расонидааст. Дар натиҷаи таҳқиқу омӯзиш муҳаққиқ аз мавзуҳои муҳими давраи навтарини таърихи муосири Тоҷикистонро пешниҳод намудааст.

Диссертант доираи васеи манбаҳо–ҳуҷҷатҳои бойгонии давлатӣ–вазорату кумитаҳои давлатӣ, қарорҳо ва барномаҳои давлатӣ, адабиёти илми ва матбуоти даврираро истифода бурда, онҳоро бо усули таърихию муқоисавӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Ҷанбаҳои муҳим, аз қабили таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ, раванди ҳамкориҳои ҳарбӣ–техникӣ ва дар заминаи он рушди иқтидори Қувваҳои Мусаллаҳ, аз ҷумла ҳайати кадрии тахассусӣ ва омодагии размии ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ дар се марҳилаи таърихӣ, бо таҳлили амиқи манбаҳо, инъикос ёфтаанд. Хулосаҳои умумии илмӣ ва пешниҳодҳои амалиии рӯйи кор овардаи муаллиф собит месозад, ки ӯ корро мустақилона иҷро намудааст.

Автореферати диссертатсия, инчунин мақолаҳои илмӣ ва интишори Собирзода Сайёд Рамазон муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, ба талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал рисолаи мазкур ба таърихи ташаккули Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст ва навгонии таҳқиқот ба таври мушаххас дар нуқтахои зер баён шудаанд. Марҳилахои таъсис, ташаккул ва рушди Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи диссертатсия ба таври амиқ мавриди омӯзиш қарор гирифта, ҳуҷҷатҳои бойгонии Вазорати мудофиа, Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рисолаю монографияҳо ба таҳқиқот ворид карда шуда, нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – ҳамчун асосгузори Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Ҳамчунин, дар диссертатсия ташкилёбии навъҳои Қуввахои Мусаллах ва рисолати таърихии онҳо дар ҳифзи истиқлол, нақши муассисахои таълимии ҳарбӣ дар омода намудани кадрҳои миллии ҳарбӣ омӯхта ва ба дараҷаи зарурӣ пешниҳод шудаанд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Асосҳои назариявии таҳқиқотро афкору ақидахои аз ҷиҳати илмӣ асоснок, корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимон, муҳаққиқон, таҳлилгарони таърихи ҳарбии халқи тоҷик ва инкишофи Қуввахои Мусаллах дар даврони истиқлолият муқаррароти пешқадами назарияи донишҳои ҳарбӣ, сиёсӣ аз ҷониби шахсиятҳои маъруфи ҳарбӣ, педагогҳо, равоншиносон, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ ва ифтихори миллӣ доштан аз Артиши миллӣ марбут ба таҳсил ва нақши пешбари тарбия, дар хусуси таъсиррасонанда ва тавъам будани назария ва амалия, гузашта аз ин, дар вақти таҳқиқот ба эътибор гирифтани таҷрибаи таърихии муҳиммияти Артиши миллӣ дар даврони истиқлолият фарогир мебошад. Натиҷахои таҳқиқ ва хулосахои илмии рисола ба раванди омӯзиши таърихи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мутахассисони соҳаи таърих, омодагии дифои ҳарбӣ ва курсантони коллеҷу муассисахои олии ҳарбӣ мусоидат хоҳад намуд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷахои таҳқиқотро дақиқият ва боварибахш маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркардаи натиҷахои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалӣ таъмин менамояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷахои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки ӯ дар асоси манбаъҳои муътамад ва адабиёти илмии нашргардида ва маълумоти матбуоти даврӣ, дар таърихнигории ватанӣ роҷеъ ба таърихи ташаккули Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991–2021) таҳқиқоти нисбатан мукаммали илмиро ба анҷом расонидааст. Дар натиҷаи омӯзиши сарчашмахои мухталиф, адабиёти илмӣ муҳаққиқ таърихи ташаккули яке аз рукнҳои асосии бақои давлатдории миллиро таҳқиқ намуда, пешниҳод намудааст.

Интишорот аз руйи мавзуи диссертатсия. Мазмуни асосии диссертатсия дар як китоби дарсӣ бо Қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти №16/20 аз 30-юми октябри 2025, ду васоити таълимӣ, 6 мақолаи илмии дар маҷалахои илмии ба феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

дохилшаванда ва 3 мақолаи илмие, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд, инъикос гардидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, феҳристи адабиёт (220 номгӯ) иборат буда, дар ҳаҷми 188 саҳифаи матни компютерӣ таҳия шудааст.

Муқаддимаи рисола яке аз бахшҳои муҳим ва муфассали диссертатсия буда, мубрамии мавзуъ, асоси назариявӣ ва амалии таҳқиқотро муайян мекунад. Дар он зарурати омӯзиши таърихи ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳ ҳамчун омили таҳкими давлатдории миллӣ асоснок мегардад.

Боби якуми рисола **«Истиқлолияти давлатӣ ва шароити таърихии таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991–2000)»** ба марҳилаи аввали ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳ номгузорӣ шуда, нақши таърихии Пешвои миллат дар таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ қарор гирифтааст.

Боби якум аз ду зербоб иборат аст, ки дар зербоби аввал муаллиф доир ба «Заминаҳои таърихии таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» мепардозад. Қувваҳои Мусаллаҳ ҳамчун унсури муҳими давлатдорӣ баён гардида, асосҳои ҳуқуқии таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ дар Эъломияи истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҳуҷҷатҳои муҳимми аҳаммияти стратегидошта шарҳ дода шудааст. Эъломия дар бораи истиқлолияти давлатӣ муайян кард, ки Тоҷикистон ба мақсади ҳифз намудани мустақилият ва якпорчагии сарзамини худ ҳуқуқи барпо намудани қувваҳои мусаллаҳро дорад.

Нахустин кӯшиш дар заминаи Эъломияи истиқлоли давлатӣ ҷиҳати ташкили Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 1991 «Дар бораи ташкил намудани Горди миллӣ» буд, ки моҳи майи 1992 бо ташаббуси Раҳмон Набиев ташкил ёфта, аввалин гашти низомии худро дар майдони «Озодӣ» баргузор намуд. Аммо бо сабаби эътирози ҳамоишгарон 7 – уми май ба хотири ба эътидол овардани вазъият Горди миллӣ барҳам дода шуда, «Кумитаи мудофиа»–и навташкил ба тобеияти Кабинети вазирон гузаронида шуд.

Сипас муаллиф ба шарҳи ташкили отрядҳои халқӣ, дастаҳои муҳофизати барои пешгири аз паҳншавии ҷиноятқорӣ ташкили «Ҷабҳаи халқӣ» – ро таҳлил намудааст. Дар натиҷаи ҷонисориҳои фарзандони содиқи Ватан дар шаҳри Хуҷанд Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ баргузор гардида, давлатдории мардуми тоҷикро аз фурӯпошӣ наҷот дод ва имкони барқарор кардани сохтори конститутсионӣ ва унсури муҳимми нигоҳдории он Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро замина гузошт.

Дар зербоби дуюми боби мазкур **«Нақши таърихии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон дар ташкили Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон»** муаллиф ба таври муфассал қарору қабули қарору қонунҳои Иҷлосияи XVI–уми Шурои Олӣ ва интихоби Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва нақши таърихии ӯ дар ташкили Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии

Тоҷикистонро таҳлил мекунад. Муаллиф қайд менамояд, ки маҳз бо ташаббус ва хиради волои роҳбарияти нави кишвар, хусусан муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри таъмини амнияти давлат иқдом намуданд. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бешак масъулияти он рӯзу фардои миллатро ба зимма гирифта, худро дар қатори пешвоёни бузурги таърихӣ ҷой дод. Воқеист, ки таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номи фарзанди фарзонаи миллат Эмомалӣ Раҳмон алоқаманд мебошад. Мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, эъломияи соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармони Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 18–уми декабри соли 1992 қарор дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонид.

Ин санади таърихӣ ба «**марҳилаи аввали** таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон заминаи ҳуқуқи гузошт. Омӯзиши ин фармон, заминаҳои таърихии қабули ин ҳуҷҷат ва нақши он дар ҳифзи сохти конститутсионӣ мубрамияти хоси илмию амалӣ дорад. Чуноне, ки сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки «Қувваҳои Мусаллаҳи кишвари мо дар вазъияти хеле мураккабу ҳассоси сиёсӣ ва иқтисодии кишвар, дар ҷойи холӣ ва бе ягон заминаи аввалияи моддиву техникӣ таъсис дода шуданд». Маҳз бо талошу заҳматҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 23 – юми феврали соли 1993 аввалин гашти низомӣ баргузор шуда, бо ҳамин ташкилёбии Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардид.

Дар ҷамъбасти боб муаллиф доир ба нақши Истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ, ки дар заминаи он воҳидҳои мусаллаҳи мухолифин ба ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ ворид гардиданд ва ба марҳилаи сеюми ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳ замина гузошт. Муаллиф муътақид бар он аст, ки солҳои 1991–2000 давраи таҳкими асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилию штатии Қувваҳои Мусаллаҳ маҳсуб ёфта, ин давра ба ташаккули минбаъдаи иқтидори Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон замина гузошт.

Боби дуюми рисола «**Такмили сохтори Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рисолати таърихии онҳо дар замони истиқлолият (1993–2021)**» ба таҳқиқи зарурати ташкилу такмили қӯшунҳои Қувваҳои Мусаллаҳ бахшида шудааст, ки аз солҳои 1993 то солҳои 2021 идома меёбад. Ташкили ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ асоси сохтории Қувваҳои Мусаллаҳро таъмин намуда, функсияҳои гуногунсатҳи онро амалӣ мегардонад. Муаллиф дар ин бахш нишон медиҳад, ки дар натиҷаи татбиқи сиёсати ҳукумати мамлакат Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як воҳиди навтаъсиси камиқтидор ба муҳофизи марзу буми кишвар табдил ёфт.

Дар зербоби якуми ҳамин боб **«Ташкилёбии Қӯшунҳои хушкигард ва марҳилаҳои ташаккули он»** муаллиф бо такя ба далелҳои мушаххас ин навъи қӯшунро муҳимтарин бахш–«Шоҳсутуни Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» унвон намудааст.

Муаллиф менависад, ки бо қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон 23–юми июни соли 1993 таҳти рақами № 269–13 дар ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳ яке аз сершумортарин навъи қӯшунҳо–Раёсати Қӯшунҳои хушкигард таъсис ёфта, он аз даврaи таъсис то инҷониб ду марҳиларо паси сар намуда, дар тули солҳои ҷанги мудҳиши шаҳрвандӣ баҳри амали намудани уҳдадориҳои дар наздашон гузошташуда, бо истифода аз имконоти дар ихтиёрашон қарордошта, қисму воҳидҳои зиёдеро ташкил дода, баҳри ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, барои пойдории сулҳу субот бо ҷонисориҳои худ саҳми бузурге гузоштааст.

Таъмини ҳайати шахсии ҷузъу томҳои Қӯшунҳои хушкигард дар солҳои аввали таъсиси худ аз ҳисоби собиқ кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки ҳамаи онҳоро «Ҷабҳаи халқӣ» дар худ муттаҳид карда буд ташаккул ёфта, ба як унсури муҳимми ҳифзи тамомияти арзии мамлакат табдил ёфт.

Зербоби дуюм **«Зарурати ташкилёбии Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ, Қӯшунҳои зудамал ва ҷузъу томҳои алоҳидаи Қувваҳои Мусаллаҳ»** ба таҳқиқи ташкили ҷузъу томҳои алоҳидаи Қувваҳои Мусаллаҳ бахшида шудааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки солҳои новобаста аз таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ дар солҳои 1993-1997 дар таърихи давлати навини Тоҷикистон даврaи бисёр ҳасос, яъне болоравии бесобиқаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ маҳсуб ёфта, маҳз зарурати ташкил намудани Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ, Қӯшунҳои зудамал ва ҷузъу томҳои алоҳидаи Қувваҳои Мусаллаҳро ба миён овард.

Қувваҳои ҳарбӣ–ҳавоӣ, яке аз нахустин неруи мусаллаҳи Тоҷикистон ба шумор рафта, он ҳамсолу ҳамқадами Артиши миллӣ мебошад. Дар қатори дигар навъҳои қӯшун дар асоси дастури Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20–уми апрели соли 1993 бо Раёсати Қувваҳои ҳарбӣ–ҳавоӣ пурра ташкил гардид. Тайи солҳои 1993-1997 ҳайати шахсии Қувваҳои ҳарбӣ–ҳавоӣ маҳорати баланди касбӣ нишон дода, дар рафти зиёда аз 60 амалиёти ҷангӣ иштирок намуданд. Қобили зикр аст, ки 93 дарсади ҳудуди ҷумҳуриро кӯҳсор ташкил медиҳад, Қувваҳои ҳарбӣ–ҳавоӣ нақши ҳалкунанда доштанашон ногузир гардид.

Муаллиф қайд менамояд, ки тавассути Қуваҳои ҳарбӣ–ҳавоӣ беш аз 25 ҳазор парвозҳои авиатсияи ҳарбӣ доир гаштааст, ки аз ин миқдор зиёда аз 10 ҳазораш парвозҳои ҷангӣ мебошад. Илова ба ин, зиёда аз 30 ҳазор тонна борҳои гуногуни ҳарбӣ ва беш аз 40 ҳазор нафарро ба ҷойҳои таъйиншуда расонидааст.

Маҳз маҳорати кордонӣ ва ватандӯстии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба он боис гардид, ки моҳи сентябри соли 2003 Қувваҳои зудамал–ҷавонтарин навъи Қувваҳои мусаллаҳ ташкил ёфт. Ба ҳайати ин навъи қӯшун қисмҳои интизомии тайиноти махсус, ҳамлавари десантию зарбавӣ, тирандозии кӯҳӣ як қатор ҷузъу томҳои фаврӣ ва баталони сулҳовар шомил мебошанд.

Муаллиф дар ҷамъбасти боби дуюм, таъкид менамояд, ки бо истифода аз имконоти мавҷудаи ҳукумати мамлакат, иқтидори умумии Артиши миллӣ таҳким ёфта, дар чорабиниҳои омӯзишии Қувваҳои Мусаллаҳ тайёраву чархболи ҷангӣ ва нақлиётӣ дар самтҳои амалиётӣ ба минтақаҳои иҷрои вазифаи ҷангӣ бароварда мешаванд.

Боби сеюми диссертатсия «**Таҳкими Қувваҳои Мусаллаҳ ва таъсиси муассисаҳои таълимии ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**» ба таҳлили сиёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба бунёд ва рушди соҳаи мудофиа ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси ҳарбӣ, инчунин масоили мубрами касбияти афсарони оянда ва сатҳи ватандӯстии онҳо бахшида шудааст.

Ҳукумати кишвар бо вуҷуди мушкилоти иқтисодӣ пайваста кушиш ба харҷ дод, ки қисму воҳидҳои низомиро бо техникаи муосир, аслиҳа, воситаҳои алоқа ва лавозимоти зарурӣ таъмин намояд. барои ҳайати кадрӣ ва сарбозон шароити мусоиди хизматӣ, маишӣ ва таъминоти иҷтимоӣ фароҳам оварда шуд, ки ин ба таҳкими рӯҳияи ватандӯстӣ ва омодабошии размии қӯшунҳо мусоидат кард.

Боби мазкур аз ду зербоб иборат аст, ки ҳар кадом як самти муҳими таҳкими Қувваҳои Мусаллаҳро фаро мегирад:

Дар зербоби аввал **«Таҳким ва рушди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони кунунӣ»** муаллиф бо такя ба маълумоти расмӣ ва манбаъҳои оморӣ ҷараёни рушди Қувваҳои Мусаллаҳро таҳлил менамояд. Дар шароити кунунӣ таҳким ва рушди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои калидии сиёсати давлатӣ мамлакат буда, марҳалаҳои ташаккул, дастоварду комёбиҳо ва уҳдадории Артиши миллиро фаро мегирад. Мутобиқ намудан ва навсозии техникӣ, яке аз авлавиятҳои калидиест, ки мунтазам аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мешавад.

Муаллиф ба ҷанбаҳои асосии рушди Қувваҳои Мусаллаҳ таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Аз ҷумла, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, такмили омӯзиши афсарон, машқҳои мунтазам ва такмили низоми фармондеҳӣ ва назорати қӯшунҳо самти муҳимми рушди Қувваҳои Мусаллаҳро ташкил медиҳанд.

Зербоби дуюми боби сеюм **«Низоми омодасозии кадрҳо ва тарбияи ватандӯстӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба таҳаввулоти ба омодасозии карҳо ва ватандӯстии хизматчиёни ҳарбӣ бахшида шудааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки таъмини ҳифзи истиқлоли давлат аз сатҳи баланди касбият, низоми таълиму тарбияи муассисаҳои таълимии ҳарбӣ, ки ҳамчун заминаи тайёр кардани кадрҳои баландихтисос хизмат мекунад вобаста аст.

Дар бахш пеш аз ҳама таъсиси муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсус мисли Донишкадаи ҳарбӣ ва Литсейи ҳарбӣ Вазорати мудофиа, Омӯзишгоҳи олии сарҳадӣ, кафедраҳои ҳарбии назди муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар мавриди таҳлил қарор мегирад. Муаллиф нишон медиҳад, ки таъсиси ин муассисаҳо на танҳо ба рушди

кадрҳои маҳаллӣ мусоидат намуд, балки симои касбияти ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳро дигаргун сохт.

Муаллиф бо далелҳо нишон медиҳад, ки дар замони муосир омодасозии кадрҳои афсарӣ бе ақидаҳои бунёдӣ–аз ҷумла рӯҳияи ватандӯстӣ наметавонад устувору побарҷо бошад. Аз ин рӯ, 20-уми феврали соли 2015, таҳти № 369 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Консепсияи корҳои сиёсию тарбиявӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳ ба имзо расонида шуд, ки ҳуҷҷати муҳимми стратегӣ маҳсуб ёфта, самтҳои асосии тарбияи хизматчиёни ҳарбиро дар иҷрои вазифаҳои тарбияи маънавию равонӣ муайян менамояд.

Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия. Бо вуҷуди ҷиҳатҳои мусбии илмӣ ва арзиши амалӣ доштани рисолаи мазкур, баъзе нуқсонҳо ва камбудиҳо дар диссертатсия мушоҳида мегарданд, ки ислоҳи онҳо метавонад сатҳи илмии рисоларо боз ҳам баландтар гардонад:

1. Дар қисмати муқаддимавӣ баъзе хатогиҳои имлоӣ мавҷуданд, ки ҳангоми нашри монография ислоҳоти онҳо муҳим аст.

2. Дар хулосаи боби якум, агарчӣ ҷамъбасти хуб сурат гирифтааст, аммо он метавонист бо таҳлили амиқтар хулосабардорӣ карда шавад.

3. Дар диссертатсия фондҳои бойгонӣ хуб истифода шуда бошанд ҳам, аммо дар баъзе саҳифаҳо дарҷ нашудаанд.

4. Дар диссертатсия калимаҳои русӣ истифода шудаанд (кадрҳо, модернизатсия, рота, курсантҳо, баталон, старшинаҳо, гарнизон, парад).

Ин нуқтаҳои зикршуда характери тавсиявӣ доранд ва ба мӯҳтавои илмии рисола таъсири манфӣ намерасонанд. Баръакс, онҳо имконият медиҳанд, ки кори муаллиф дар таҳрири оянда боз ҳам такмил ёбад. Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Собирзода Сайёд Рамазон аз лиҳози илмӣ, сохторӣ ва мазмунӣ ҷавобгӯи талаботи КОА буда, кори мустақилона ва арзишманди таҳқиқотӣ мебошад, ки дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ барои таърихи навини Тоҷикистон аст.

Хулоса, диссертатсияи Собирзода Сайёд Рамазон дар мавзуи **«Таърихи ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991–2021)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.–Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1.–Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)) кори мустақили илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳо ва васоити таълимии ба чоп расонидаи Собирзода Сайёд Рамазон муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии ӯ гувоҳӣ медиҳанд.

Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсияи Собирзода Сайёд Рамазон дар мавзуи «Таърихи ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии оҷикистон (1991 – 2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.–Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1.–Таърихи ватанӣ

(таърихи халқи тоҷик)) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.– Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1.–Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)) сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 – и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2026, №591 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақризи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 20.11.2026, суратмаҷлиси №4 муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 18 нафар.

Аз 18 нафар аъзои дар ҷаласа ҳузурдоштаи кафедра ҳама барои тасдиқи тақризи мазкур овоз доданд.

Раиси ҷаласа:
Мудири кафедраи таърихи
халқи тоҷики Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон н.и.т., дотсент Асрориён Ҷ.О.

Эксперт:
д.и.т., профессори кафедраи
таърихи халқи тоҷик Шарифзода Ҷ.С.

Котиби илмии ҷаласа:
н.и.т, дотсенти кафедраи
таърихи халқи тоҷик Равшанзод М.

Имзои Асрориён Ҷ.О., Шарифзода Ҷ.С. ва
Равшанзод М.–ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

23 ноябр соли 2026

734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17,
тел.:+992 37 221 77 11
Email:info@tnu.tj https://.tnu.tj